# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Анварзода Самандар Анвар дар мавзуи «Асосҳои ҳуқуқии танзимкунандаи истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (ш. Душанбе, 2025. – 31 саҳ.).**

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи намоёнро ишғол намуда, василаи муҳим дар самти ошкор, пешгирӣ ва тафтиши ҷиноятҳо маҳсуб меёбад. Қонунгузории амалкунанда доираи васеи имконоти истифодаи натиҷаҳои ФОҶ-ро дар мурофиаи ҷиноятӣ муайян кардааст, ки риояи он барои таъмини адолати ҳуқуқӣ ҳатмӣ мебошад.

Бо вуҷуди ин, мушоҳида мешавад, ки дар амалӣ намудани ин намуди фаъолият ҳанӯз як қатор масъалаҳои ташкиливу ҳуқуқӣ ва методологӣ боқӣ мондаанд. Дар шароити рушди пайвастаи ҷомеа ва технология, зарурати такмили заминаҳои ҳуқуқӣ ва таъмини мувофиқат бо стандартҳои байналмилалӣ ба миён меояд.

Дар робита ба ин, омӯзиши илмии натиҷаҳои ФОҶ ва тартиби истифодаи онҳо барои пешбурди мурофиаи ҷиноятӣ бояд дар маркази таваҷҷуҳи доимии қонунгузор ва мутахассисони соҳа бошад. Ин раванд барои таъмини ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва пешбурди давлати ҳуқуқбунёд заминаи мусоид мегузорад.

Дар автореферати мазкур мавзуи таҳқиқот ба таври мукаммал ва ҳамаҷониба пешниҳод шудааст, ки аз қисмҳои муҳим: муқаддима, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, натиҷаҳо ва пешниҳодҳои илмӣ иборат мебошад.

Дар асоси таҳлили назариявӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ-амалӣ муаллиф пешниҳодҳоеро таҳия намудааст, ки ба такмили асосҳои ҳуқуқии истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (ФОҶ) дар мурофиаи ҷиноятӣ равона шудаанд. Моҳияти ин пешниҳодҳоро дар чунин шакл пешниҳод намудан мумкин аст:

1. Такмил додани қонунгузорӣ – Зарур аст, ки мафҳум ва мақоми «натиҷаҳои ФОҶ» дар Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» ва Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври возеҳ ва мустақил ифода ёбанд; бояд талаботҳои равшан ва дақиқ нисбат ба барасмиятдарории маводи ФОҶ барои истифода дар мурофиаи судӣ муқаррар карда шаванд.

2. Ташаккули механизми самарабахши назорат – Дар заминаи амалияи судӣ ва зарурати таъмини қонуният, мафҳуми «назорати судӣ» дар фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ворид ва таҳким дода шавад; фаъолияти мақомоти амаликунандаи ФОҶ бояд зери назорати воқеии дохилиидоравӣ ва прокурорӣ қарор гирад ва механизмҳои фаълсозии он мушаххас гарданд.

3. Мукаммалсозии марҳилаи тосудӣ – Бояд қонунгузорӣ марҳилаи тосудиро ҳамчун марҳилаи мустақили мурофиаи ҷиноятӣ бо вазифаҳо ва ваколатҳои возеҳ эътироф намояд; мавқеи натиҷаҳои ФОҶ дар ин марҳила ҳамчун омили асосгузори оғоз ё адами оғози парвандаи ҷиноятӣ бо меъёрҳои мушаххас танзим гардад.

4. Тартиби истифодаи натиҷаҳои ФОҶ дар марҳилаҳои гуногуни мурофиаи ҷиноятӣ – Пешниҳод мегардад, ки барои ҳар марҳилаи мурофиа (тосудӣ, тафтишоти пешакӣ, мурофиаи судӣ) тартиб, шарт ва маҳдудиятҳои истифодаи натиҷаҳои ФОҶ дар қонун муайян карда шавад; ҳангоми истифодаи онҳо дар суд, судя бояд ба қонуният ва манбаи маълумот баҳо диҳад ва дар асоси он қарор қабул намояд.

5. Омӯзиши мутахассисон ва баланд бардоштани сатҳи тахассус – Пешниҳод мешавад, ки кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва суд дар соҳаи истифодаи қонунӣ ва муассири натиҷаҳои ФОҶ мунтазам омӯзонида шаванд; инчунин, фаъолияти илмию таълимӣ дар ин самт тақвият ёбад.

6. Таъмини ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои шахсӣ – Дар тамоми марҳилаҳои амалинамоии ФОҶ ва мурофиаи ҷиноятӣ бояд поймол нагардидани ҳуқуқҳои конститутсионии шахс таъмин карда шавад; пешниҳод мегардад, ки механизми ҳифзи ҳуқуқи шахс ҳангоми истифодаи натиҷаҳои ФОҶ тақвият дода шавад.

Аз андешаҳо ва хулосаҳои дигари дар автореферат пешниҳодшуда маълум мегардад, ки таҳқиқоти мазкур ба таври амиқу ҳамаҷониба таҳия шуда, аз ҷиҳати илмӣ асоснок мебошад. Ин таҳқиқот бо пешниҳоди хулосаҳо ва тавсияҳои мушаххас ва дақиқ метавонад ҳамчун манбаи боэътимод ва муфид барои такмил ва ғанӣ гардонидани меъёрҳои қонунгузории ФОҶ ва мурофиаи ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар самти асосҳои ҳуқуқии истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ истифода шавад.

Дар натиҷаи баррасии мазмун ва муҳтавои автореферати мазкур метавон гуфт, ки таҳқиқоти мазкур дар самти масъалаҳои асосҳои ҳуқуқии истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ саҳми назаррас дорад. Муаллиф дар равиши таҳқиқоти худ масъалаҳои пешгузошташударо бо усули илмӣ ва таҳлили ҳамаҷониба баррасӣ намуда, натиҷаҳои мушаххас ва боэътимодро ба даст овардааст.

Бо вуҷуди ин, қайд кардан ба маврид аст, ки дар матни автореферат баъзе масъалаҳои баҳсталаб ба назар мерасанд. Аз ҷумла, муаллиф дар банди 11 нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда мушкилоти асосии истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар мурофиаи судии ҷиноятиро ба ду гурӯҳ ҷудо намуда (саҳ. 10), вале роҳҳои бартараф намудани онҳоро пешниҳод нанамудааст. Бинобар ин, аз унвонҷӯ хоҳиш карда мешавад, ки дар раванди ҳимояи ошкоро ин масъаларо равшан созад.

Новобаста аз эроди зикргардида, бояд қайд намуд, ки аз ҷониби муаллиф кори илмӣ-таҳқиқотии мукаммал, эҷодкорона ва илмӣ-тахассусӣ анҷом дода шудааст, ки дар он ҳалли масъалаи мубрами имрузаи ФОҶ пешниҳод гардидааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Анварзода Самандар Анвар дар мавзуи «Асосҳои ҳуқуқии танзимкунандаи истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» ба бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мебошад.

**Такриздиханда:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва
назорати прокурории Донишгоҳи давлатии
ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Қаҳҳоров Н.М.

**Имзои Қаҳҳоров Н.М.-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Бобоев А.Х.

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Суроғаи муассиса:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон» 735700, вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, 17 мкр-н, х. 1: Тел.: +992 (3422) 2-38-11 Факс. +992 (3422) 2-51-70; сомона: Email: tsulbp@rambler.ru. www.tsulbp.tj

«___» _____________ 2025 сол